Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълими 7)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи “Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ҷавобгӯ мебошад: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.4. Таърихи инкишофи назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.5. Танзим ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ; 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ; 1.12. Шаклдигаркунии ҳисоботи молиявии миллии мутобиқ бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои давлатҳои дигар.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия**

Марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ, ки ба он бевосита раванди ҳамгироии иқтисодӣ таъсир расонида истодааст, ин раванд ҳамчун як шакли муҳими ҳамкорӣ дар арсаи байналмилалӣ арзёбӣ гардида, дар чорчӯбаи он кишварҳои ҷаҳон ба самти иттиҳод ва ягонагӣ ҳаракат мекунанд. Аз ин рӯ, таҳлил ва арзёбии раванди ҳамгироии иқтисодӣ дар рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла дар низоми баҳисобгирии муҳосибии онҳо имконият медиҳад, ки то чӣ андоза низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ ба талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат мекунад, муайян карда шавад.

Мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ тақозо мекунад, ки ислоҳоти низоми миллии баҳисобгрии муҳосибӣ дар сатҳи микро ва макроиқтисодиёт гузаронида шавад ва дар

доираи ин стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) татбиқ карда шавад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи дунё собит намуд, ки СБҲМ воситаи асосии гирифтани иттилооти саҳеҳ оид ба вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидории ватанӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар шакли ягона дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ мебошад. Ҳамаи ин гуфтаҳо аҳаммият ва мубрамии таҳқиқи мавзуи диссертатсиониро талаб мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Эътимоднокии натиҷаҳои илмии тадқиқот бо миқдори кофии маълумоти таҳлилӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот бо истифода аз усулҳои муосир, мувофиқати натиҷаҳои назариявии тадқиқот бо маълумоти асоснок ва далелҳои аз маълумоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, маводи таҳлилӣ-оморӣ ва ҳисоботи ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар нашрияҳои даврии илмӣ, захираҳои интернетӣ ва ғ. интишор шудааст гирифташуда, тасдиқ карда мешавад.

**Навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ** дар асосноккунии муқаррароти назариявию методологии ислоҳоти низоми баҳисобгирии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба гузаштани корхонаҳои ватанӣ ба низоми стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ифода меёбад.

**Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунин нуқтаҳоро дар бар мегиранд:**

– хусусиятҳои зуҳури баҳисобгирии бухгалтерӣ чун як бахши илм ва соҳаи фаъолият бо таваҷҷуҳ ба асоснок намудани марҳилаи асосии инкишофи он мушаххас карда шудааст, ки пайдоиш ва таҳавуллоти илми муҳосиботро аз шакли одии муҳосиба то як бахши муназзами илм, чун инъикоскунандаи фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, тавсиф мекунад ва дар асоси он модели мушобеҳи низоми баҳисобгирии бухгалтерии субъекти иқтисодӣ коркард мешавад, ки алоқамандии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва функсияҳои идоракуниро таъмин намуда бо таваҷҷуҳ ба инкишофи ҳамгироӣ бо муҳити берунӣ самаранокии истифодабарии модели мазкурро кафолат медиҳад: ҳар қадар ҳамгироӣ бо фазои иқтисоди ҷаҳонӣ вусъати бештар дошта бошад, ҳамон қадар сатҳи самаранокии модели баҳисобгирӣ болотар мебошад;

– зарурати ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии бухгалтерӣ дар шароити гузариши субъектҳои хоҷагидорӣ ба истифодаи СБҲМ, чун самти афзалиятноки ноил гардидан ба устувории низоми мазкур бо таваҷҷуҳ ба

ҷудо кардани чорабиниҳое, ки самаранокии ин равандро кафолат медиҳанд, асоснок карда шуда, авомили монеъшаванда ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои ислоҳот гурӯҳбандӣ шудаанд, ки татбиқи густардаи фановариҳои рақамиро бо назардошти омодагии институтсионалӣ ва инфрасохтории субъектҳои хоҷагидории ватаниро ҷиҳати густариши ҳамгироии иқтисодӣ дар фазои иқтисодиёти баналмилалӣ дар низоми муҳосибот тақозо менамоянд;

– самтҳои асосии бунёди низоми баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар мутобиқат бо стандартҳои байналмилалӣ ва дар асоси ҷудо кардани мушкилоти калидии ҳамсон намудани баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозӣ дар ҳошияи коркард ва татбиқи низоми ягонаи миллӣ муайян карда шудааст, ки фарогири тавсияҳои методӣ ҷиҳати ташаккули сиёсати муҳосиботӣ бо мақади таъмини самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ ва андозӣ ва коркарди нақшаи ҳисоботи бухгалтерӣ ва дигар аносири сиёсати муҳосиботӣ буда, дар маҷмуъ, самаранокии низоми ягонаи баҳисобгирии бухгалтериро дар шароити густариши ҳамгироии иқтисодӣ таъмин хоҳад кард;

– ҷанбаҳои методологии ҷудо кардани низоми ягонаи муҳосибот ба намудҳои алоҳида – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозӣ, чун зарурати воқеии инкишофи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таъмини мутобиқати он ба талаботҳои иқтисоди муосир дар шароити афзоиши нақши фановариҳои иттилоотӣ, ба низом дароварда шудаанд, ки имкон медиҳад вазифаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ дар самти танзим ва назорат густариш дода шуда алоқамандии муассир байни хадамоти истеҳсолӣ, технологӣ ва иқтисодии корхонаҳо таъмин карда шавад;

– камбудиҳои методологии ҳам СБҲМ ва ҳам ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда ошкор карда шуда, барои бартараф кардани онҳо бо таваҷҷуҳ ба тамоюлоти инкишофи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо таҳия шудаанд. Амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шудааст, ки дар доираи он баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз вазифаҳои худро ба ҷо оварда, маълумоти ҳамдигарро истифода мебаранд. Таҳқиқи ҳисоботи молиявии якчанд субъектҳои дорои манфиати умум нишон дод, ки камбудии асосии раванди гузариш ба СБҲМ ин сатҳи пасти дониши касбии муҳосибон ва аудиторон мебошад;

– дар асоси таҳқиқи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди ҳамгироии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ дар миқёси байналмилалӣ, таҳлил ва

арзёбии таъсири равандҳои ҳамгирой ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ муайян карда шудаанд. Таъсири омилҳо ба стандартонии байналмилалии қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳқиқ ва арзёбӣ карда шуда, хусусиятҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Дар ин маврид ба низоми миллии танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҳамчун омиле, ки ба раванди стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонад, диққати муҳим дода шудааст;

– хусусиятҳои иқтисодиёти муосир вобаста ба таъсирашон ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ арзёбӣ карда шудаанд. Омилҳои бо вазъи имрӯзаи иқтисодиёт алоқаманд, чун рушди технологияҳои рақамӣ, густариши ҳолатҳои бухронӣ, дигаршавии амсилаҳои тиҷоратӣ, пайдо шудани намудҳои нави дороиҳо ва аҳдҳои тиҷоратӣ, таваҷҷуҳ ба нақши иттилооти ғайримолиявӣ ва дигарҳо муайян карда шуда, алоқамандии онҳо бо баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли амсила пешниҳод карда шудааст. Собит карда шудааст, ки омилҳои мазкур ба муҳтаво ва хосияти иттилооти баҳисобгирӣ, шаклҳои ҳисоботи молиявӣ, ба методология ва сохтори низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар унсурҳои он таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин зарурати ҳамоҳангсозӣ ва стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир асоснок карда шудааст;

фаъолияти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои ИДМ таҳқиқ карда шуда, мушкилот ва монеаҳои дар раванди гузариш ба СБҲМ дар мамлакатҳои мазкур, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва арзёбӣ карда шудаанд. Хусусиятҳои миллии ислоҳоти муҳосибӣ дар мамлакатҳои ИДМ муайян карда шуда, тарзҳои истифодаи СБҲМ дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибии ин мамлакатҳо тавсиф ва ҷамъбаст карда шудаанд. Ҳамчунин душвориҳои дар рушди низоми назорати сифати ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда дар малакатҳои ИДМ таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд. Барои тақвият бахшидан ба равандҳои гузариш ба СБҲМ дар мамлакатҳои ИДМ тавсияҳо таҳия ва пешниҳод карда шудаанд;

– санадҳои меъёрию қонунгузории танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ карда шуда, дар ин асос тасдиқ карда шудааст, ки барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариши бобарор ба СБҲМ зарурати бозбинии пояҳои қонунӣ ва меъёрии он ба миён омадааст. Барои такмили санадҳои меъёрии зинаҳои

сеюм ва чоруми низоми танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои такмили нақшаи ҳисобҳо ҳамчун воситаи ноилгардӣ ба ҳадафҳои ислоҳот тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд;

– дар асоси таҳқиқи равандҳои омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ дар фазои давлатҳои аъзои ИДМ, инчунин таҳлил ва арзёбии муҳтавои барномаҳои сертификатсияи байналмилалии муҳосибони касбӣ, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ истифода мешаванд, самтҳои асосии такмили низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, дурнамои рушди низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ таҳия карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, дар рафти навишт пайдарҳамии таҳқиқот риоя гардидааст, мустақилияти муаллиф дар ошкор намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити истифодабарии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ эҳсос мешавад ва инчунин дар кор асоснокии далелҳо мавҷуд мебошад. Муаллифи диссертатсия объект ва предмети тадқиқотро муайян намуда, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқотро мураттаб кардааст. Дар кори диссертатсионӣ методология ва усулҳои муосири илмӣ истифода шудааст, ки ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунанд. Муқаррароти илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо матни рисола мантиқан алоқаманд буда, ба вазифаҳои гузошташуда асос ёфтаанд. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда асоснок буда, моҳияти кори диссертатсиониро инъикос мекунанд. Аз тарафи муаллиф тавсияҳои консептуалӣ ва амалии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити истифодабарии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ илман асоснок карда шудааст.

Дурустии натиҷаҳои таҳқиқот ва эътимоднокии муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он асос тасдиқ мегардад, ки диссертант самтҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқотҳои бунёдӣ ва назариявии таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити истифодабарии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешниҳод гардидаро истифода намуда, инчунин онҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба тасвиб расонидааст.

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онҳо, тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои таҳлили васеи муаммоҳои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва асосҳои назаривию методологиро дар ин самт метавонад такмил диҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, замимаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 423 саҳифаи матни компютериро ташкил додааст, ки аз расмҳо ва ҷадвалҳои зиёд, рӯйхати адабиёт, ки аз 330 номгӯй иборат аст, таркиб ёфтааст.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ»** ҷанбаҳои таърихӣ ва равишҳои назариявии ташаккули баҳисобгирӣ, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва нақши он дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ва муаммоҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ таҳлил карда шудааст (саҳ.21-110).

Зимни омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ ва асосҳои назариявии ташаккули баҳисобгирӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ, диссертант диққати махсусро ба ақидаю андешаҳои ватанӣ ва хориҷӣ нигародиааст, ки мазмуни таҳқиқотро мукаммал ва асоснок намудааст. Дар ин замина, қайд карда шудааст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти инсон таърихи тӯлонӣ дорад, вале ҳамчун соҳаи илм нисбатан нав аст. Раванди ташаккул ва рушди таърихии баҳисобгирии муҳосибӣ мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад (саҳ. 22).

Яке аз натиҷаҳои дигари диссертатсия, ки муаллиф диққати махсус зоҳир намудааст ин пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар олами Ислом мебошад. Дар ин замина такия ба таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ қайд карда шудааст, ки «Баъзе муҳаққиқон далели дар Аврупо (Италия) пайдо шудани илм ва соҳаи фаъолияти муҳосибиро зери шубҳа қарор дода, иброз медоранд, ки боби китоби Лука Пачоли «Дар бораи ҳисоб ва катибаҳо», ки дар он навишти дутарафа ва дигар ҷиҳатҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ шарҳ дода шудаанд, инчунин, дигар асарҳо оид ба пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ аз таҷрибаи пешини пешбурди баҳисобгирӣ аз мамлакатҳои Шарқ маншаъ мегиранд» (саҳ. 25-27).

Яке аз натиҷаҳои назаррас дар диссертатсия он мебошад, ки нуқтаи назари як гурӯҳ олимон оид ба мафҳуми ҳамоҳангсозӣ ва стандартонӣ, ки ин ду равиши асосӣ оид ба ҳалли масъалаҳои рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ мебошад дар шакли ҷадвал

мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Вотасба ба ин диссертант қайд менамояд, ки мафҳуми ҳамоҳангсозӣ (гармонизатсия, harmonization) солҳои охир дар адабиёти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ зиёд дучор мешавад ва бештар бо талаботи СБҲМ вобаста аст, ҳарчанд ки аҳаммияти ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ бо талаботи СБҲМ-ро на ҳамаи муаллифон як хел шарҳ додаанд (саҳ.40-41).

Яке аз натиҷаҳои арзишманди диссертатсия дар он ифода мегардад, ки дар натиҷаи таҳлили васеъи назария ва амалияи идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити муосир диссертант унсурҳои асосии таъмини иттилооти идоракунии субъектҳои хоҷагидориро дар шакли расм таҳия ва пешниҳод намудааст. Қайд гардидааст, ки дар масъалаҳои рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити доимо дигаршавандаи муҳити бозор ва баланд шудани мақоми иттилоот дар идоракунӣ, таҳияи усулҳо ва қоидаҳои нави идоракунии равандҳои тиҷоратии корхона, пешбурд ва такмили баҳисобгирии муҳосибӣ пайдо мекунад (саҳ.44-45).

**Дар боби дуюм – «Масъалаҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ дар шароити равандҳои ҳамгироӣ ва татбиқи СБҲМ, заминаҳои ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ, рушди методологияи ташаккули ҳисоботи молиявӣ ва тамоюлоти рушди амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити стандартҳои байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст (саҳ.111-207).

Дар боби дуюм муаллиф доир ба масъалаи таҳилшаванда қайд мекунад, ки тавре дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» оварда шудааст, «сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои дақиқе мебошанд, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти корхона маҷмуи қоидаҳо, усулҳо ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян менамоянд» (саҳ.111).

Дар расми 2.1.2 муаллиф тафсири намудҳои баҳисобгирӣ тавассути мафҳуми «хароҷот» дар низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибиро пешниҳод намуда, қайд намудааст, ки ҷанбаҳои амалии хосиятҳои муқоисавии намудҳои баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз аз он иборат аст, ки мафҳуми «хароҷот» дар заминаи ҳар яке аз намудҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва муқоиса карда шавад (саҳ.150-151).

Дар раванди таҳлил ва таҳқиқи тамоюлоти рушди амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити стандартҳои байналмилалӣ муаллиф қайд менамояд, ки гузариши субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корбурди стандартҳои байналмилалӣ баъзе камбудиҳоро вобаста ба коркарди нокифояи масъалаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, омода ва пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимтарини идоракунии корхонаҳо нишон дод (саҳ.178).

Муаллиф дар расми 2.4.1 унсурҳои асосии низоми ташкили баҳисобгирии муҳосибиро пешниҳод намуда, қайд менамояд, ки мутобиқи муқаррароти моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ҳама амалиёти хоҷагидорӣ дар корхона бояд дар ҳуҷҷатҳои аввалии баҳисобгирӣ сабт карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои аввалӣ ҳамчун унсури аввалии низоми ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисобгирии аввалии маълумотро дар бораи амалиёти хоҷагидорӣ таъмин мекунанд (саҳ.180-181).

Дар диссертатсия муаллиф вобаста ба арзёбии вазъи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дар якчанд субъектҳои дорои манфиати умуми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла: ШСХК «Барқи Тоҷик» (замимаи 2), ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» (замимаи 3), ҶСК «НБО Роғун» (замимаи 4), КМ «Зарафшон» (замимаи 5), КВД «Тоҷикаэронавигатсия» (замимаи 6), КВД «Обу корези Душанбе» (замимаи 7), ҶСК «Телерадиоком» (замимаи 8), ҶСК «Тоҷиктрансгаз» (замимаи 9) таҳқиқот бурда, бештар ба мухтавои ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ – тавозуни муҳосибӣ таваҷҷуҳ намудааст. Барои бисёре аз корхонаҳои ватанӣ мутобиқ шудан ба корбурди СБҲМ ва дарки тарзи кор дар заминаи онҳо ҳанӯз ҳам душвор аст, бинобар ин, раванди татбиқи стандартҳои байналмилалӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ суст аст. Масъалаи асосӣ дар ҷараёни сусти татбиқи стандартҳои байналмилалӣ дар субъектҳои хоҷагидории ватанӣ ин пеш аз ҳама мушкилот бо таъмини кормандони баландихтисос мебошад (саҳ. 187-188).

**Дар боби сеюм - «Масъалаҳои амалии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ»** хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ бо талаботи СБҲМ ва таҳлили вазъи стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ИДМ мавриди таҳлил қарор дода шудааст ( саҳ. 208-267).

Дар боби мазкур натиҷаҳо илман асоснок гардида, дастоварди илмии диссертант мансуб меёбанд. Зимнан, дар диссертатсия қайд гардидааст, ки омилҳои асосии пайдошавӣ ва рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар миқёси байналмилалӣ ин тақсимоти байналмилалии меҳнат, дигаршавии муттасили шароити бозор, берун аз ҳудудҳои миллӣ берун баромадани даври истеҳсолӣ, ҷараёнҳои молиявӣ, ҳаракати меҳнат, рушди низомҳои муосири нақлиёт, алоқа ва иттилоот мебошанд. Ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ мафҳумҳои нисбӣ буда, дар мавриди онҳо ивазшавии шарики байналмилалӣ имконпазир аст. Илова бар ин, равандҳои ҳамгироӣ комил буда наметавонанд. Ҳамгироии байни якчанд мамлакатҳо метавонад ба равандҳои мутақобила – ҷудошавӣ аз мамлакатҳои дигар боис шавад (саҳ.208-209).

Нуқтаи назари дигари муаллиф, ки қобили қабул аст, ин гурӯҳбандии омилҳои ба қабули СБҲМ дар мамлакатҳои ИДМ боисшуда мебошад, ки аз тарафи муаллиф дар расми 3.3.2 оварда шудааст. Қайд гардидааст, ки таҳқиқи фаъолияти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои ИДМ нишон медиҳад, ки ҷиҳати умумии ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар онҳо – эътирофи СБҲМ ҳамчун воситаи асосии мукаммалсозӣ ва рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳудуди мамлакатҳои ИДМ мебошад (саҳ.255).

**Дар боби чорум - «Мукаммалгардонии танзими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ»** низоми танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ, нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ ҳамчун воситаи ислоҳоти баҳисобгирӣ ва низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ( саҳ. 268-327).

Дар ин боб аз тарафи муаллиф мувофиқаи байниҳамдигарии санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар расми 4.1.1 оварда шуда, ҳамзамон дар ҷадвали 4.1.1 санадҳои меъёрии танзимкунандаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ вобаста аз таъйинот ва мақоми худ ба чор зина ҷудо карда шудааст (саҳ.268-270).

Яке аз натиҷаҳои дигари арзишманди диссертатсия ин таҳқиқи нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ ҳамчун воситаи ислоҳоти баҳисобгирӣ мебошад, ки диссертант дар зербоби 4.1 мавриди омӯзиш қарор додааст. Қайд гардидааст, ки нақшаи ҳисобҳо бояд тавре муфассал ва дорои сохтори муносиб таҳия карда шавад, то хадамоти идоракунӣ ва таҳлилию иқтисодии корхонаро бо тамоми иттилооти зарурӣ барои гузаронидани

таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидории он таъмин кунад (саҳ.289-290).

Нуқтаи назари дигари муаллиф, ки қобили қабул аст, ин низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ мебошад, ки аз тарафи муаллиф таҳқиқ гардидааст. Дар расми 4.3.1 диссертант аломатҳои сертификатсияи кормандонро муайян намуда, қайд менамояд, ки ҳадафи раванди сертификатсия – эътироф кардани салоҳияти касбии корманди сертификатшаванда, ки якҷояги донишҳои назариявии зарурӣро бо қобилияти корбурди онҳо барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ифода мекунад (саҳ.311-312).

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ-амалӣ доранд, дар хулоса ва пешниҳодҳо оварда шудаанд. (саҳ. 328-337).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ – методии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити истифодабарии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ саҳмгузор мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Муқарраароти муҳими диссертатсия дар ҷараёни таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми хондани дарсҳо дар зинаи бакалавриат ва магистратура аз фанҳои «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ», «Аудит», «Назорати давлатии молиявӣ», «Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз», «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» (Санад аз 10.02.2023с.) истифода шудааст. Бархе аз муқарраароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии

муҳосиботи корхонаҳо барои татбиқ қабул шуда, аз ҷумла дар ҶСП «Комбинати металургии тоҷик» (маълумотномаи №16/8 аз 6.04.2023с.) ва ҶДММ «Моор Стивенс» (маълумотномаи №34 аз 12.04.2023с.) истифода мешаванд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоснокунии назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва татбиқи СБҲМ муаррифӣ шаванд. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳуми "низоми баҳисобгирии муҳосибӣ" ва "ҳамгироии иқтисодӣ" таҳқиқ шудаанд. Равишҳои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ аз ҷиҳати назариявию методӣ шарҳ дода шудааст; ҳамчунин масъалаҳои амалии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ аз лиҳози мукаммалгардонии танзими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ баррасӣ гардида, роҳҳои ташаккули он муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои аз натиҷаи он пешниҳодгардида аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти корхонаҳои тиҷоратӣ барои татбиқ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ баланд бардошта шавад.

**Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидориро дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ мусоидат намоянд, ки низоми мазкур, рушд ва фаъолият устувор дошта бошад. Усутвори низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидориро таъмин намуда, ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ-ро баланд мегардонад.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқарраротҳои диссертатсия барои васеъ намудаи аҳамияти иҷтимоии низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат мекунад. Яъне, ба аҳолии кишвар ва шаҳрвандоне, ки дар оянда мехоҳан аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ таҳсил намоянд ва ё аз низоми

таҳсилоти байналмилалӣ бархурдор гарданд имконият медиҳанд, ки пешакӣ омодагӣ бинанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

Қодирова Гулмо Толибовна мутахассиси илмии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит буда, кори диссертатсионии ӯ ба ихтисоси интихобкардаи илмии диссертант мувофиқат мекунад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтори он ва мундариҷаи корҳои иҷрошуда, ба талаботе, ки дар шиносномаи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит муқаррар шудааст, мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаб барои гирифтани дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намудҳои кор мувофиқат мекунанд. Диссертант ҳамчун тадқиқотчӣ метавон донишомӯзӣ, мақсаднокӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадафро қайд намуд. Автореферат ва корҳои нашрнамудаи муаллиф пурра мазмуни асосии кори диссертатсиониро ба худ инъикос менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии рисолаи диссертатсияро фаро гирифта, аз 1 монография, 28 мақолаи илмӣ дар умум 17,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 14,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) иборат мебошад, ки аз он 16-то дар маҷаллаҳои пешбари илмӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, нашр гардидаанд. Инчунин, муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи

диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар такомули низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда шаванд. Диссертатсия бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст ва ороиши диссертатсия ислоҳро талаб намекунад.

Автореферат ва корҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни диссертатсия комилан мувофиқат мекунанд. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки асоси мавзуи ҳимояшаванда мебошад. Бинобар ин, талабот дар ин бобат пурра қонеъкунанда мебошад.

**Камбудиҳо оид ба диссертатсия**

Дар қатори бартариятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои норасоиҳо низ мебошад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Дар саҳ. 25 муаллиф дар асоси омӯзиши асарҳои мухталифи олимони ватанию хориҷӣ, пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар олами Исломро пешниҳод кардааст, хуб мешуд агар оид ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ карда мешуд.
2. Дар ҷадвали 1.1.1 муаллиф тафсири мафҳуми «ҳамоҳангсозӣ»-ро дар асоси адабиёти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ гирд овардааст, аммо шарҳи муаллифӣ оид ба мафҳуми «ҳамоҳангсозӣ» дида намешавад;
3. Дар ҷадвали 1.1.1 муаллиф тафсири мафҳуми «ҳамоҳангсозӣ»-ро аз диди нигоҳи олимони хориҷӣ гирд овардааст, аммо ақидаи олимони ватанӣ оид ба мафҳуми «ҳамоҳангсозӣ» дида намешавад.
4. Дар ҷадвали 1.1.2 тафсири мафҳуми «стандартонӣ» дар асоси адабиёти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ оварда шудааст, вале абзор ва механизмҳои онҳо пурра аз тарафи муаллиф таҳлили нашудааст.
5. Зербоби 1.2, ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва нақши он дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ номгузори карда шудааст,

муаллиф бе ишораи асоснок барои исботи гуфтаҳо ба сифати мисол корхонаҳои тиҷоратиро овардааст.

6. Агар муаллиф дар баробари пешниҳоди расми 1.2.2. элементҳои асосии онро ба таври возеҳ шарҳ медод хубтар мешуд (саҳ.50).

7. Дар зербоби 3.3 таҳлили вазъи стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ИДМ, агар муаллиф мавқеи Тоҷикистонро боз ҳам возеҳтар нишон медод ба манфиати кор буд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаршуда ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявию амалии онро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса**

Умуман, кори диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ анҷом дода шуда, кори анҷомёфтаи илмӣ ва тахассусиро ифода мекунад. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи "Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия", аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34, 35 "Тартиби додани унвонҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**профессори кафедраи таҳлили молиявӣ ва аудити**
**Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошкент,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Исроилов Б.И.**

IMZONI TASDIQLAYMAN TDIU INSON RESURSLARINI BOSHQARISH BO'LIMI BOSHLIG'I S. XASANOV (imzo)

INSON RESURSLARINI BOSHQARISH BO'LIMI — TOSHKENT DAVLAT IQTISODIYOT UNIVERSITETI

**Имзои профессор Исроилов Б.И.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳои**
**Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошкент** **Хасанов С.**

«12» 04 2024с.

Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошкент. Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 100066, шаҳри Тошкент, куч. Ислом Каримов 49. Тел: +998 71 245 42 43, +998 71 239 01 59 (https://tsue.uz/ru)